**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи: «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ – интернетӣ дар забонхои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Дар забоншиносии тоҷикӣ омӯзиши масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ таърихи дурру дароз надорад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи он дар солҳои охир зери таҳқиқи муҳақиқони гуногуни соҳа қарор гирифта истодаанд, ки албатта боиси дастгирӣ мебошад, зеро ин амал метавонад, ки ба раванди пешрафти забон ва мустаҳкам шудани захираи луғавии забонҳо, ки ба тарҷума низ алоқаи бевосита дорад, кумак расонад.

Дар диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ – интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқи муқоисавии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ ба миён гузошта шудааст, ки аз зумраи мавзуҳои мубрам ва ҳануз омӯхтанашуда маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, мавзуи зикршуда ҷанбаҳои хос ва аҳамиятнокро дар бар гирифта, мубрамияти онро мушаххас мегардонад.

Бояд зикр намоем, ки зарурати омӯзиш ва таҳқиқи забонҳо ҳамеша дар доираи Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ зикр мешавад. Ин амал, аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқи забонҳои гуногун дар шароити кунунӣ, ки компютеркунонии тамоми соҳаҳо идома дорад, беманфиат нест ва мавзуи интихобшуда низ ба он мувофиқат мекунад. Дар баробари ин, маводҳои диссертатсия барои корҳои минбаъда дар самти интихобшуда ҳамчун сарчашмаи муҳими илмӣ асоснокшуда мавриди истифода шуда метавонанд..

Дар диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ – интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба мавзуҳое рӯшанӣ оварда шудааст, ки ҳануз барои аксар забоншиносон дастрас набуданд, махсусан зери гурӯҳҳои гуногун таҳқиқ

намудани хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқоти мавзӯъро амиқтар ва ҷолибтар намудааст.

Дар раванди омӯзиши кор маълум мешавад, ки кам будани маводи дастрас ки корро осонтар кунад зарурати бештар мурочиат намудани муҳаққикро ба сайтҳои гуногуни компютерӣ овардааст. Албатта, ин амал, яъне таҳлили маъноӣ намудани лексика ва истилоҳоти зикршуда кори саҳл нест. Ин амал, аз як тараф агар бо мақсади амиқ намудани паҳлуҳои гуногуни маъноии сленгҳои компютерӣ бошад, аз тарафи дигар камтар ба назар расидани ҳамин гуна мавод дар забони тоҷикӣ мебошад.

Аз як тараф таснифи сохторӣ ва аз тарафи дигар таҳлили маъноӣ намудани хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ – интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асл таҳқиқи мубрам ва ба тозагӣ таҳқиқшуда маҳсуб меёбад.

Дар баробари дастрасӣ ба маводҳои зарурӣ дар диссертатсия дар зербобҳои гуногун масъалаҳои мухталиф ба монанди ташаккул ва таҳаввули сленгҳои компютерӣ низ зери таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки дар раванди омӯзиши масъалаҳои ба мавзӯъ наздик сарчашмаи муҳим ба ҳисоб меравand.

Мушоҳида мешавад, ки дар диссертатсияи мазкур на танҳо як хусусияти асосӣ, балки паҳлуҳои гуногун он ба таври васеъ масъалагузорӣ шуда, зери таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар ҳамин маъно муҳақиқ низ таъкид месозад, ки ташаккул ва таҳаввули сленгҳои компютерӣ аз босуръат рушд ёфтани технологияи ҳозиразамон алоқаманд аст. Дар ин раванд, ба миён омадани вожаҳои нав, ки метавонанд дар нутқи гуфтугӯӣ мавриди истифода қарор гиранд, аз эҳтимол дур нест. Дар ин раванд, босуръат рушд ёфтани сленгҳои компютерӣ-интернетӣ, ки ба пешрафти технологияи муосир алоқаманд аст, метавонад оҳиста-оҳиста як қабати махсуси лексикаи технологияҳои иттилоотӣ ҳисобида шавад.

Дар диссертатсия таҳлили мавзӯъ марҳила ба марҳила  ба миён гузошта шудааст, ки ба таҳқиқ хусусияти амиқӣ ва илмӣ асоснокшавиро таъмин намудааст, ки ин амал дар корҳои дигар камтар ба назар мерасад.

Дар диссератсия муҳаққиқ таҳқиқи мавзӯъро дар забонҳои дигар зикр намудааст, аммо он дар забони тоҷикӣ хеле кам ба мушоҳида мерасанд. Дар баъзе ҳолат дар шакли  мақолаҳои алоҳида баъзе ишораҳоро албатта дидан мумкин аст.

Муҳаққиқ Ғафуров Зоир Саъдуллоевич  дар раванди таҳқиқот бештар ба корҳои забоншиносони гуногуни асри гузашта ва муосир ба монанди У.У.Смирнов, И.У.Гутман, А.А.Сосновская, О.А.Кармизова, М.С.Лукина, П.В. Часовский  ва дигарон такя намуда, дараҷаи омӯзиши масъаларо марҳила ба марҳила таҳқиқ намудааст. Дар забони тоҷикӣ таҳқиқоти олим они соҳа  ба монанди Т.Шарипов, З.М.Мусоямов, П.Г.Нуров, А. Асламов низ, ки ба мавзуи мазкур қаробат доранд, таъкид шудааст.

Маълум аст, ки ҳадафи диссертатсияи мазкур омӯзиши ташаккули сленгҳои компютерӣ ва таҳаввуллоти минбаъдаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Аз ин рӯ, таҳлили сохторӣ муқоисавии онҳо зарурати имрӯзаи истифодаи онро таъмин намуда метавонад. Муайян намудани моҳият ва ва мавҳуми сленги компютерӣ, манбаъҳои луғавӣ, таъсири он ба ғановати забон, таҳлили сохтории истилоҳҳои компютерӣ ва вижагиҳои маъноӣ ва луғавӣ аз масъалаҳо ва ҳадафҳои муҳиме ба ҳисоб мераванд, ки дар диссертатсия мазкур зери таҳқиқи пурра қарор гирифтанд.

Муҳаққиқ таъкид месозад, ки ташаккул ва ва таҳаввули сленгҳои компютерӣ бахши махсуси истилоҳот ва лексикаи компютерӣ буда, як қабати махсуси истилоҳоти технологияи иттилоотиро ташкил медиҳад. Хусусияти печидаи истилоҳоти компютерӣ низ зикр карда мешаванд.

Дар боби аввали диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ – интернетӣ дар забонҳои

тоҷикӣ ва англисӣ» ташаккул ва таҳаввули лексикаи компютерӣ ва интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Дар ин баробар, дар зербобҳои алоҳида масъалаҳои ташаккул ва пешрафти минбаъдаи онҳо, манбаъҳо ва хусусиятҳои лексикографии онҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Боби дувуми диссертатсия таснифи лексика ва истилоҳоти технологияҳои иттилоотии даврони муосирро дар бар мегирад. Дар ин баробар, хусусиятҳои сохтории истилоҳоти интихобшуда ба риштаи таҳлил кашида шуда, паҳлуҳои тафовутноки онҳо зикр мешаванд. Дар ин боб, муҳаққиқ бо намунаҳои мушаххас истилоҳоти соҳаро таҳлил намуда, ихтисоршавии аксари калимаҳоро заминаи асосии ба миён омадани вожаҳои гуногун, сленгҳои компютерӣ ҳисобидааст. Яъне, дар ин раванд нақши муҳим доштани ихтисорот дар ташкили вожаи нав, сленгҳои компютерӣ зикр мешаванд. Усулҳои дигари ба вуҷуд омадани сленгҳои компютерӣ ба монанди конверсия, префиксатсия, аффиксатсия умумишивии воҳидҳои луғавӣ ва масъалаҳои ба ин монанд зери таҳқиқ қарор гирифтанд.

Муҳаққиқ Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар боби сеюми диссертатсия сленгҳоро ҳамчун қабати махсуси лексикаи компютерӣ ҳисобида, дар ин доира таҳлил ва таҳқиқи амиқ гузаронидааст ва тавонистааст, ки дар заминаи мисолҳои мушаххас андешаҳои худро баён намуда, масаъалаҳои алоқамандро аз нигоҳи илмӣ асоснок намуда, хусусияти хоси онҳоро нишон диҳад.

Диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич бо хулосаи амиқ ва пешниҳоди гуногуни илмӣ, ки метавонад ба раванди пешрафти илми забоншиносии муқоисавӣ ҳисссагузор шавад, ба анҷом мерасад.

Дар ин баробар, бояд зикр намоем, ки диссертатсия дар баробари бомуваффақият ба анҷом расидан, ҳануз масъалаҳои пура омӯхтанашуда низ дорад, ки ин амалро ба назари мо дар доираи як диссертатсия ғунҷондан ва ё

таҳқиқ намудан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, чанд пешниҳод дорем, ки шояд тавонанд дар корҳои минбаъдаи муҳаққиқ ба инобат гирифта шаванд:

1. Таҳқиқи соҳавии сленгҳои компютерӣ
2. Омӯзиш ва пешниҳоди натиҷаи диссертатсияи дар шакли луғат ва ё китобчаи хурд, ки дастраси хонанда бошад.
3. Ташкили фарҳанги истилоҳоти компютерӣ
4. Пешниҳоди мақолаҳои мушаххас дар семинарҳои соҳавӣ то ин ки ҳарчи бештар дигарон низ ба омӯзиш ва хусусияти ин паҳлуи омӯзиши муқоисави истилохот ва сленгҳо, ки доимо дар ташаккул ва такомул дар баробари пешрафти илму техника қарор доранд, таваҷҷуҳ намоянд.

Дар умум, диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ – интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти пурра ба анҷомрасида маҳсуб меёбад.

Диссертатсия ба талаботи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ, тартиби муқарраршуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад ва муҳақиқ сазовори унвони зикршуда мебошад.

Муқаррризи расмӣ, номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Туйғунов Носир Хакбердиевич

Суроғаи корӣ: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14,
Тел./Факс: (992 37) 231 02 01,Тел.: (992) 231 08 37, моб. 935551304, www.tgfeu.tj

Имзои Туйғунов Носир Ҳақбердиевичро тасдиқ мекунам

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ
30.08.2022 Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ